# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот*

Рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” дар замони муосир бо дарназардошти тараққиёти босуръати илму технологияи замон, ичунин соҳаҳои мухталифи ҷомеа ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ гардидааст. Ногуфта намонад, ки масъалаи тарзи ҳаёти солим яке аз салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри нави замон арзёбӣ гардида, равандҳои ҳадафмандонаи педагогии таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон ба ҳаёти солим, ки яке аз мақсадҳои асосии таҳсилоти муосир шуморида мешавад, маҳсуб меёбад.

Сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ моро водор месозад, ки таҳқиқоти мазкур барои кашфи моҳияти заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур баррасӣ карда шудааст.

Таҳқиқоти илмии Абдусамадзода Бахтулло муайян намуд, ки бояд ба самти тарзи ҳаёти солим дар кишвар таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуд, чунки дар Тоҷикистон, аз миёнаи солҳои 80-ум паст шудани сифат ва сатҳи тандурустии аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст ва ин як масъалаи муҳимест, ки амалҳои фаъолона ва ҳамоҳангшудаи духтурон, психологҳо, омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ ва ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистонро талаб мекунад. Амалан пурра вуҷуд надоштани маълумот дар бораи чунин таҳқиқот дар адабиёти махсус кори моро махсусан мубрам ва ҷолиб месозад.

Ҳамзамон, таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳида ҳамчун таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа таҳлилшуда то ба ҳол мавриди омӯзиш ва таҳқиқ нашудааст бинобар ин коркарди мавзуи мазкур аз тарафи унвонҷӯй икдому ибтикори сазовор дар илми педагогикаи миллӣ номидан мумкин аст.

Довталаб роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосирро мавзуъ ва объекти таҳқиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор намуда, дар ин раванд то ҷое муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз тарафи довталаб манзуршуда собит бар гуфтаҳои болост.

Ба андешаи мо навгонии илмии таҳқиқот тариқи зайл аст, ки муаллифи рисолаи илмӣ муносибати маҷмуӣ ба таҳияи муҳтаво ва чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани саломатии хонандагон ташаккул меёбад ва онҳо ба ҷамъоварии дониш оид ба тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд муайян намуд; Ҳамзамон муаллиф муайян намудааст, ки дар сохтори таъмини саломатии хонандагон омили педагогӣ ҷузъи таркибии он мебошад, ки моҳияти он ангезаи муҳими тарзи ҳаёти солим дар тарбияи фарзандон, дарки моҳияти фарҳанги солимӣ ва тарзи ҳаёти солим мебошад. Шароитҳои ташкилию педагогӣ муқаррар карда шудаанд, ки имкон медиҳанд дар асоси муносибати маҷмуӣ раванди ташаккули тарзи ҳаёти солимро идора карда, дар айни замон ба он муҳити солим таъсир расонад. Воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барномаи таълим, роҳу усулҳои беҳтару хубтари кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ин самт таҳқиқ ва мунзур шудааст.

Ба андеши мо, фаъолияти пурсамаре, ки дар рафти таҳқиқот унвонҷӯй ба итмом расонидааст, ин мушоҳида ва иштирок дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба вориднамоии технологияҳои муҳити тандурустӣ дар раванди таълим мебошад, бо ин восита довталаб муайян кардааст, ки ҳанӯз омӯзгорон аксаран салоҳиятҳои касбии худро ба дараҷаи зарурӣ намефаҳманд ва малакаҳои доштаи онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар сатҳи номуваффақ дар ин самт мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф сабабҳо ва омилҳои ҳолатҳои ба ин монанд мавриди таҳқиқу баррасӣ намуда, мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода, тарзи сохтани нақшаи муносибу мувофиқи методиву омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, инчунин муассисаҳои миёнаи касбӣ манзур намудааст, ки аз аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ дар раванди таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солимро дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявии синфҳои ибтидоӣ муайян кардааст, самаранокии нақшаҳои пешниҳодкардаашро оид ба технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоиро аз дидгоҳи озмоиш собит намудааст, заминаҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, роҳу усулҳои истифодаи нақшаи коркардшударо дар раванди таълим ва аҳамияти он дар ташаккули тарзи ҳаёти солим миёни хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзёбиву баррасӣ намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он маҳсуб меёбад, ки банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро, ки довталаб коркард ва дар асоси озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, манзур намудааст, ба рушди тарзи ҳаёти солим миёни хонандагон,

ҳамзамон маҳорату малакаҳои омӯзгорон инчунин салоҳиятҳои касбии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Мо комилан метавонем иброз намоем, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии рушди тарзи ҳаёти солим ва саломатии хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология бошанд.

Муаллиф дар омодасозии диссертатсия дар воқеъ саҳми арзанда гузошта, худро ҳамчун як мутахассиси бархурдори соҳа муаррифӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз, мо комилан боварӣ дорем, ки диссертатсияи Абдусамадзода Бахтуллоро ҳамчун кори илмии итмомшуда ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобидан мумкин аст.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро пурра дарҷ намудааст.

Умуман, рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиҚ гардидааст, ҷавобгӯӣ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в.
дотсенти кафедраи психологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Саидов Низомиддин

30.05.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 15; Тел: +992 (909) 88 10 55; E-mail: s.nizomiddin@mail.ru.

*Имзои* Саидов Низомиддинро *тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ*
*ДДОТ ба номи С. Айнӣ* *Мустафозода А.*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС